“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода профессор
___________ Гулназарзода Ҷ.Б.
«14» 01 соли 2023

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсия дар мавзуи “Таҳқиқи этнолингвистии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” дар кафедраи забони тоҷикии собиқ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) иҷро шудааст.

Соли 1990 Зулфониён Р. Р. факултети филологияи тоҷики УДТ ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм карда, дорандаи диплом аз рӯйи ихтисоси “муаллими забон ва адабиёти тоҷик” гардидааст.

Номбурда аз соли 2018 инҷониб унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2020, №142 аз ҷониби собиқ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон, доктори илмҳои филология, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони “Таҳқиқи этнолигвистии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” аз 29-уми марти соли 2018, таҳти № 9/4-1 тасдиқ гардида, дар кафедраи забони тоҷикӣ омода шудааст.

Диссертатсия бори аввал дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ 3-юми январи соли 2023 мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир, яъне таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакенти водии Зарафшон бахшида шудааст. Вобаста ба хулосаи ҷаласаи кафедра ва пешниҳоди муқарризон мухтаво ва мундариҷаи диссертатсияро ба инобат гирифта мавзуи диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода, ки "Таҳқиқи этнолингвистии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент" унвон дорад, бо номи "Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент" иваз карда шавад.

Мубрамии мавзуитаҳқиқот дар он ифода меёбад, ки омӯзиши топонимикаи муосири тоҷик як равияи нав дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Сарфи назар аз дастовардҳои зиёди илмӣ масъалаҳои зиёди ин соҳа ҳанӯз ба таври мукаммал таҳқиқи илмӣ нагардидаанд. Омӯзиши топонимҳо барои ифодаи хусусияти объектҳои ҷуғрофӣ ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо аҳамияти бузург дошта, ҷиҳати муайян сохтани интисоби халқҳо ба ин ё он миллат, забону фарҳанг, анъанаҳои миллӣ муҳим арзёбӣ мешаванд.

Дар кори диссертатсионии мо таҳқиқи топонимикаи минтақаи Панҷакент бори аввал сурат мегирад, ки ин мубрамии мавзуъро нишон медиҳад.

Тавре маълум аст, Панҷакент маркази водии Зарафшон ба ҳисоб меравад. Дар ҳудуди он гузаштагони тоҷикон – суғдиён умр ба сар бурдаанд. Бинобар ин, дар топонимикаи ин минтақа бисёр номҳои суғдӣ ва иқтибосот аз дигар забонҳо маҳфуз мондааст. Дар омӯзишу баррасии ин ҷанба, дар баробари илми забоншиносӣ фанҳои таърих, бостоншиносӣ ва ҷуғрофия низ нақши муҳим мебозанд.

Мубрамии мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши хусусиятҳои забонии топонимҳои минтақаи мазкур ҷиҳати таҳқиқи фарогири минбаъдаи топонимикаи минтақавӣ мусоидат карда, барои муайян кардани марҳилаҳои инкишофи таҳаввулоти топонимии забони тоҷикӣ, хусусиятҳои фарққунандаи онҳо имконият фароҳам меорад.

Муҳаққиқ бо мақсади бозкушоии ташаккули забони имрӯза, ки он бо даврахои таърихии қадимаи забони тоҷикӣ иртибот дорад, тасмим гирифтааст, ки дар минтақаи замоне суғднишини кишварамон – Панҷакентро аз ҷиҳати луғавию маъноӣ ва сохториашон мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

**Муҳиммоти таҳқиқ** аз он иборат аст, ки номвожаҳои минтақаи Панҷакент аз ҷониби муҳаққиқон ба таври васеъ ва пурра омӯхта нашудааст. Бо таҳқиқи маводи рисола ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳақиқат, дар

баробари ба таҳқиқу омӯзиш майл кардани олимони хориҷиву ватанӣ, маълум мешавад, ки ҳанӯз масъалаи омӯзиши топонимикаи ҳудуди минтақаи шаҳри Панҷакент ба истиснои баъзе аз асару мақолаҳои илмии олимони топонимшиноси ватаниву хориҷӣ пурра омӯхтаву баррасӣ нагардидааст. Имрӯз зарур аст, то ба масъалаи омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофӣ таваҷҷуҳ бештар равона карда шавад. Чунки таҳқиқи амиқи ин мавзуъ мубрам арзёбӣ гардида, омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофӣ ва муаррифии онҳо аз ҷиҳати сохту пайдоиш ва корбурд, инчунин, муқоисаи онҳо бо номвожаҳои дигар манотиқи олам саҳифаҳои нав ба нави таъриху тамаддун ва фарҳанги миллии моро бо маънову мавҷудияташон бозгӯйӣ карда метавонанд.

**Навоварии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки номвожаҳои ҷуғрофии ин минтақа дар забоншиносии тоҷик ба пуррагӣ ва маҷмуӣ дар доираи як диссертатсияи номзадӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсияи омоданамудаи Зулфониён Р. таҳлили луғавию маъноии номвожаҳои ин минтақа дар муқоиса бо забонҳои эронӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳои хоссаи онҳо дар он муайян гардидаанд. Ҷойномҳо аз ҷиҳати сохторию маъноияшон муайян гардидаву мансубияти онҳо ба забонҳои мардумони минтақаи мавриди пажуҳиш баррасӣ ва дақиқ карда шудаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқот** пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он қонуниятҳои асосии луғавию маъноӣ ва сохтории ҷойномҳои минтақа бо таъиноти хусусиятҳои хосашон муқаррар карда шуданд.

Азбаски топонимикаи минтақавӣ дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст, пас, ин таҳқиқот холигии мавҷударо дар таҳқиқоти куллии системаи топонимикии Тоҷикистон пур мекунад. Навовариҳои алоҳидае, ки дар кори пешниҳодшуда ҷой доранд, метавонанд ба фаъол шудани эҷоди таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои гуногуни топонимика мусоидат кунанд. Таҳқиқоти гузаронидашуда инчунин, ба таври амиқ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои забонӣ ва фарҳангии қавмҳои ин минтақа беҳтар дарк карда шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомадаро дар коркард ва ҳалли масъалаҳои умумӣ оид ба топонимика, инчунин, дар навиштани фаслҳои дахлдори грамматикаи забони тоҷикӣ истифода бурдан мумкин аст.

Маълумотҳои топонимикии дар рисола ба низом овардашуда ва таҳлилшуда метавонанд дар амалияи фарҳангнигорӣ дар таълифи фарҳангҳои топонимикӣ, таърихӣ ва решашиносӣ на танҳо ба забони тоҷикӣ, балки дар дигар забонҳои эронӣ низ истифода шаванд.

Натиҷаҳои конкретии кор метавонад ҳангоми мутолиаи курсҳои махсус ва семинарҳои махсус, курсҳои таърихи топонимикии Тоҷикистон, этимологияи калимаҳо ва таърихи забони тоҷикӣ истифода бурда шавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки масъалаи таҳқиқи луғавию маъноӣ ва решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакентро бори нахуст дар шакли диссертатсияи илмӣ ба таври системанок таҳқиқ карда, доир ба этимологияи бархе аз номвожаҳои ҷуғрофӣ таҳқиқоти амиқу дурустро нишон додааст. Навиштани мақолаҳо оид ба мавзуъ ва суханрониҳо дар ҳамоишу конференсияҳо оид ба мавзуи диссертатсия фаъолияти амалии рисоланавис доир ба кори диссертатсионӣ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотии мавриди назар дар шакли баромад ва мақолаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва дигар нашрияҳо ироа гардидааст.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва Феҳристи номҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент иборат мебошад.

Дар **муқаддима** аҳаммияту нававарии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа, фарзияҳои муаллиф ва нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Таҳлили луғавию маъноии номвожаҳои ҷуӯрофии минтақаи Панҷакент” ном дошта,** муаллиф номвожаҳои ҷуғрофиро ба суғдиасосу тоҷикиасос тақсимбандӣ кардааст ва онҳоро дар доираи 14 фасл ва зерфаслҳои алоҳида шарҳу тафсир медиҳад ва мавқеи формантҳои топонимсозро муайян менамояд.

Ҳамзамон, дар ин боб муаллифи диссертатсия топонимҳои минтақаро ба фаслҳои алоҳида, аз қабили “Ойконимҳои минтақа”, “Оронимҳои минтақа”, “Гидронимҳо (ва лимнонимҳо)-и минтақа”, “Антропонимҳои минтақа”, “Теонимҳои минтақа”, “Зоотопонимҳои минтақа” . “Фитонимҳои минтақа”, “Некронимҳои минтақа”,”Номвожаҳои

ҷуғрофӣ - омофонҳо", "Гурӯҳҳои мавзуии номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи хусусияти орзуву омол", "Гурӯҳҳои мавзуии номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи хусусияти замони нав (метонимҳо)", "Гурӯҳҳои мавзуии номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи хусусияти рангу аломат" ва "Этнотопонимҳои минтақа" ҷудо карда, таҳлил менамояд.

Боби дуюми дисссертатсия **"Таҳлили решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент"** ном дошта, он аз 2 фасл иборат аства дар боб баъди таҳлили фасли **"Дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи Панҷакент"**, этимологияи топонимҳои ***Панҷекат (Панҷакент), Саразм, Ғарибак, Ғӯсар, Киштуд ва Зимтуд*** муфассал шарҳу тафсир ёфта, дар муқоиса бо сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва забоншиносӣ бо ифодаи маъноҳои луғавиашон манзур мегарданд.

Боби сеюми диссертатсия **"Таҳқиқи сохтории топонимҳои минтақаи Панҷакент"** ном дошта, дар он маълумоти назариявӣ оид ба таърихи таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ, бахусус, минтақаи Панҷакент оварда шуда, боби мазкур матраҳ мегардад. Дар ин боб, инчунин, тибқи 4 фасл таҳлилу омӯзиши лингвистии сохтори топонимҳои минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таваҷҷуҳ ба анҷомаҳои номи ҷуғрофисоз дода шуда, мавқеи онҳо дар номвожаҳои ҷуғрофӣ муайян карда мешаванд. Ин номвожаҳо ба содаву сохта ва мураккабу топоним-ибораҳо гурӯҳбандӣ шуда, ба гурӯҳи забонҳои эрониасос ва бегона тақсимбандӣ мешаванд.

Дар фасли якум - **"Масоили омӯзиши сохтори номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент"** доир ба омӯзишу ташаккули номвожаҳои ҷуғрофии минтақа аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ маълумот дода шудааст.

Фасли дуюми ин боб **"Таҳлили сохтории топонимҳои эрониасос"** ном дошта, муаллиф номвожаҳо ва марҳилаҳои ташаккули ҷойномҳоро омӯхтаву топонимҳои суғдиасосу тоҷикиасосро аз ҷиҳати сохташон (сода, сохта, мураккаб ва топоним-ибораҳо) муайян мекунад.

Фасли сеюми боби сеюм **"Таҳлили сохтории топонимҳои иқтибосӣ ва омехта"** унвон гирифтааст, ки дар бобати ин навъи номвожаҳои минтақаи номбурда баҳс менамояд.

Фасли чоруми боби якуми рисола **“Топонимҳои навъи pluralia tantum”** номгузорӣ шудааст ва бар асоси таҳқиқотҳои олимони аврупоиву ватанӣ дар ин фасл мафҳуми номвожаҳои ҷуғрофии шаклашон ҷамъ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода мешаванд, ки дар топонимсозии минтақаи Панҷакент таърихи дерина доранд.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфреренсияҳои байналмилалӣ (2) , ҷумҳуриявӣ (1) ва донишкадавӣ (2) (солҳои 2016-2021) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамчунин, доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 2 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд.

**А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида:**
**Муҳимтарин вижагиҳои диссертатсия дар таълифоти**
**зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**
**Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Зулфониён Р.Р.** Гунаи аслии як ҷойноми суғдӣ / Р.Р. Зулфониён //Авҷи Зуҳал, нашрияи илмии ДДТТ ба номи А.И. Сино. –Душанбе, 2019.– № 3(36). – С. 133-139.
[2-М]. **Зулфониён Р.Р.** Мафҳум ва корбурди ҷузъи “ғар”/”қар+а”-и суғдӣ дар ҷойномҳои минтақаи Панҷакент/ Р.Р. Зулфониён // Суханшиносӣ, маҷаллаи илмии АМИТ. –Душанбе, 2019.– № 4(36). – С. 50-61.
[3-М]. **Зулфониён Р.Р.** Шарҳи номвожаи Саразм /Р.Р. Зулфониён // Авҷи Зуҳал, нашрияи илмии ДДТТ ба номи А.И. Сино. –Душанбе, 2020. – № 3(40). – С. 129-135.

[4-М]. **Муҳаммадҷонзода О.О., Зулфониён Р.Р.** Мавқеи пасванди –уд//-ут дар ҷойномҳои суғдии минтақаи Панҷакент / О.О. Муҳаммадҷонзода, Р.Р. Зулфониён // Авҷи Зуҳал, нашрияи илмии ДДТТ ба номи А.И. Сино. –Душанбе, 2020. – № 1(46). – С. 139-145.

[5-М]. **Зулфониён Р.Р.** Ташаккулёбии забонии оронимҳои минтақаи Панҷакент /Р.Р. Зулфониён //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -№8. –С. 48-54).

**Дигар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[6-М]. **Зулфониён Р.Р.** Мушкилот дар номгузории маҳалҳои аҳолинишини кишвар / Р.Р. Зулфониён // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ, - “Суннати номгузорӣ ва номҳои ҷуғрофӣ”. – Душанбе, 2016. –96 саҳ.

[7-М]. Зулфониён Р.Р. Эҳёи номҳои асили ҷуғрофии тоҷикӣ дар замони Истиқлол / Зулфониён Р. // Паёми Донишкадаи ҳарбӣ. Нашрияи илмӣ- оммавии Вазорати мудофиаи ҶТ.–Душанбе, 2022. -№2 (32). –С. 133-139.

[8-М]. **Зулфониён Р.Р.** Номвожаҳои ҷуғрофӣ –як рукни инъикоси таърих ва марзу бум / Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии “Рушди забони адабии тоҷикӣ дар замони Истиқлол:
мушкилот ва дурнамо” (бахшида ба 85-солагии доктори илми филология, профессор Ҳомид Маҷидов) –Душанбе. 2022. –С.304-313

[9-М]. **Зулфониён Р.Р.** Маъниҷӯйӣ дар номвожаи ҷуғрофии Ғӯсар/ Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода. –Душанбе. 2022. –С. 20-25

[10-М]. **Зулфониён Р.Р.** Инъикоси марзу буми миллӣ дар таҳлилу омӯзиши ҷойномҳо / Зулфониён Р. Р. // Маҷмуаи мақолаҳои илмии “Анвори дониш”, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2022. – С.57-72

[11-М]. **Зулфониён Р.Р.** Дарки дурусти маъно дар эҳёи асолати ҷойномҳои миллӣ /Зулфониён Р.Р. // Мероси ниёгон. Нашрияи илмию оммавӣ ва фарҳангӣ – маърифатии мероси ниёгон. –Душанбе. -№24. 2022. С. 46-49.

[12-М]. **Зулфониён Р.Р.** Таҳлили этимологӣ – заминаи шарҳи асосии мафҳуми топонимҳо /Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода (23-24 декабри соли 1922). –Душанбе, 2022. - С. 96-103.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардида, ҳамзамон, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи **«Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент»** таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ навишта шуда, ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия медиҳад..

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

Иштирок дошт:15 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 15 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0.
Қарори № 5/1 аз 03.01.2023 с.

Раисикунанда:
Мудири кафедраи забони тоҷикии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Усмонова Мунаввара Холиқовна

Котиби илмӣ Давлатов Ифтихор Асрорович

Имзоҳои М.Х. Усмонова ва
И.А. Давлатовро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
“03” январи соли 2023

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи СотимУлуғзода.
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj

**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ ________________
«08» ____марти____ соли 2023

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон - доктори илми филология, профессор, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода) аз 29.03.2018, таҳти қарори № 9/4-1 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода аз 03.01.2023, №5/1 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Шурои олимони факултети филологияи тоҷик диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзодаро таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» бо ширкати муқарризон – доктори илмҳои филологӣ, профессор Офаридаев Назрӣ, номзади илмҳои филология, дотсент Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб баррасӣ ва муҳокима намуд. Аввалан, профессор Офаридаев

Назрӣ баромад намуда, қайд кард, ки мавзуи интихобшуда актуалӣ ва ҷавобгӯйи замони муосир мебошад, зеро он ба таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофии яке аз ҳавзаҳои муҳимми таърихию фарҳангии Тоҷикистон – минтақаи Панҷакент бахшида шуда, Панҷакент – шаҳру минтақаест бо таърихи бостони халқи тоҷик рақам хӯрда, дорои ёдгориҳои қадими фарҳангӣ мебошад, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Минтақаи мазкур қаламрави Суғди бостон буда, сарзамини ташаккули фарҳангию моддии маънавии халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Низоми топонимии минтақа дорои қабати умдаи субстратӣ буда, мутааллиқ ба забони суғдӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи топонимияи минтақа, ки то ҳол аз рӯйи низоми муайян сурат нагирифта буд, мавзуи мубрами номшиносии тоҷик буда, пажуҳиши мазкур дар барқарор сохтани баъзе аз вожаҳою вандҳои забони суғдӣ метавонад мусоидат намояд.

Ҳамзамон, дотсент Маҳмудзода М.А. низ тавассути тақризи хеш таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро мусбат арзёбӣ намуда, доир ба саҳми унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ ибрози андеша намуд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илмҳои филологӣ, профессор Назрӣ Офаридаев ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷик таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, чунин арзёбӣ намуд:

Диссертатсия ба яке аз мавзуъҳои хеле актуалӣ ва таҳқиқношудаи илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Воқеан, муҳаққиқ хеле бамаврид таъкид мекунад, ки таҳлилҳо ва таҳқиқҳои анҷомдодаи ӯ оид ба мавзуи мазкур ҳамчун воситаи асосиест, ки тавассути он ҷанбаҳои назариявӣ ва луғавию маъноии номвожаҳои ҷуғрофии собиқ минтақаи суғдзабон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Мубрамият ва зарурати интихоби мавзуи таҳқиқот.** Топонимҳои ифодакунандаи номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва номи маҳалҳои аҳолинишини минтақаву кишварҳо як ҷузъи таърихи қавму миллатҳо ва баёнгари давраҳои гуногуни рушди инкишофи забону фарҳанги ҷомеа маҳсуб ёфта, омӯзиши онҳо яке аз масоили мубраму манфиатбахши забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Зеро таҳлилу омӯзиш ва таҳқиқоти луғавию маъноӣ ва сохтории топонимҳо дар ҳар кишвар ва минтақаҳои зисти қавму миллатҳо барои рушди забон, урфу одат ва тамаддуну фарҳанги эшон аз аҳамият холӣ нест. Чунки номвожаҳои ҷуғрофӣ, бахусус, топонимҳо низ дар омӯзиши мавзеъҳои ҷуғрофӣ, таърихи мардумон ва забони онҳо ҳамчун осори зинда нақш бозида, тамаддуну ҳастии онҳоро дар умқи таърих муаррифӣ менамояд,

ки он бевосита ба мардум хос асту баробари он ҳамқадами рӯзгори онҳо буда, бо забон ифода меёбад. Дар омӯзишу баррасии ин ҷанба, дар баробари илми забоншиносӣ фанҳои таърих, бостоншиносӣ ва ҷуғрофия низ нақши муҳим мебозад.

Забоншиносӣ воситаи муҳимтарини омӯзиши номҳои ҷуғрофист ва ҳангоми таҳқиқи ареалҳои муосири топонимҳо бе кумаки фонетикаи муқоисавӣ баррасӣ кардан ғайриимкон аст, ки он бо тарзи дуруст андеша рондан ба як қатор воҳиду решаҳои топонимсоз мусоидат мекунад.

Дар муқоиса бо забони зиндаи мардум, марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофи забонҳои бостониро таҷассум намудани номвожаҳои таърихӣ, ки имрӯз низ маҳфузанд, хусусияти муҳимми омӯзиши номвожаҳо дар он инъикос меёбанд, ки «топонимҳо фаҳмиши моро дар бораи равандҳои гуногуни диахронӣ, аз ҷумла, дарки масъалаҳои таърихи забон ва ташаккули миллат дар тули таърих густариш диҳад ва барои пажӯҳандагон имкониятҳои васеъ ва доманадорро ҷиҳати таҳия ва корбурди усулҳои нави лингвистӣ муҳайё намояд».

Мо ҳам бо мақсади бозкушоии ташаккули забони имрӯзаамон, ки он бо давраҳои таърихии қадимаи забони тоҷикӣ иртибот дорад, тасмим гирифтем, то дар минтақаи замоне суғднишини кишварамон – Панҷакент, ки ин минтақа ҳам яке аз марказҳои забону фарҳанг ва тамаддуни аҷдодони суғдии мо маҳсуб мешавад, номвожаҳои ҷуғрофии ин минтақаро аз ҷиҳати луғавию маъноӣ ва сохториашон мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Зарурати интихоби мавзуи мазкур дар он аст, ки номвожаҳои минтақаи Панҷакент аз ҷониби муҳаққиқон ба таври васеъ ва пурра омӯхта нашудааст. Ҳарчанд, ки нисбат ба омӯзиши топонимҳои ҳудуди кишвари мо рисолаҳои зиёди илмӣ аз ҷониби Хромов А.Л. (1969), Додихудоев Р. Х.(1979), Сулаймонов С. (1979), Абдунабиев А. (1992), Алимӣ Ҷ. (1993, 1995, 1999) Офаридаев Н. (1991), Шодиев М. (1994), Исмоилов Ш. (1999), Ҳомидов Д. (2002), Насридиншоев А. (2003), Маҳмадҷонов О., (2006). Тураев Б.Б. (2009, 2010,2019, 2020, 2021) таълиф гардидаанд, вале мавзуи болозикр боз таҳқиқу таҳлили амиқро талаб менамояд.

Муносибати давлату ҳукуматро бо забон дар таваҷҷуҳ ба номвожаҳои ҷуғрофӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешбурди сиёсати давлатӣ дар бораи забон нахустин пуштибонест, ки аз забони тоҷикӣ ҳимоят мекунад ва

бархақ ӯ фармудааст: “Давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ рушди забонро як рукни муҳимми сиёсати худ медонад” [143, 130 ].

Бо таҳқиқи маводи рисола ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар баробари ба таҳқиқу омӯзиш майл кардани олимони хориҷиву ватанӣ, маълум мешавад, ки ҳанӯз масъалаи омӯзиши топонимикаи ҳудуди минтақаи шаҳри Панҷакент ба истиснои баъзе аз асару мақолаҳои илмии олимони топонимшииноси ватаниву хориҷӣ пурра омӯхтаву баррасӣ нагардидааст. Имрӯз зарур аст, то ба масъалаи омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофӣ таваҷҷуҳ бештар карда шавад. Чунки таҳқиқи амиқи ин мавзуъ мубрам арзёбӣ гардида, омӯзиши номвожаҳои ҷуғрофӣ ва муаррифии онҳо аз ҷиҳати сохту пайдоиш ва корбурд, инчунин, муқоисаи онҳо бо номвожаҳои дигар манотиқи олам саҳифаҳои нав ба нави таъриху тамаддун ва фарҳанги миллии моро бо маънову мавҷудияташон бозгӯйӣ карда метавонанд.

Дар рисолаи мазкур бо мақсади таҳқиқу омӯзиши топонимҳои суғдии водии Зарафшон, таҳлили луғавию маъноӣ, сохтори топонимҳои минтақаи Панҷакент ва баромади решаи онҳо дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва суғдӣ-яғнобӣ дар омӯзишу муқоиса бо забонҳои таърихан аз байнрафтаи суғдӣ, бохтарӣ, сакоӣ, хоразмӣ ва дигар забонҳои эрониасос омӯхтаву таҳқиқ мешаванд.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” робита дорад ва таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои мухталифи забоншиносӣ яке аз вазифаҳои муҳимми илми тоҷик ба шумор меравад.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот, муайян кардани топонимҳои минтақаи Панҷакент аз ҷиҳати хусусиятҳои луғавию маъноӣ, решашиносӣ ва сохторӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мувофиқи мақсадҳои гузошташуда вазифаҳои таҳқиқот муайян гардиданд:

- гузаронидани таснифоти луғавию мавзуии топонимҳои минтақаи Панҷакент;
- муайян намудани хусусиятҳои луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент;
- нишон додани этимологияи номҳои минтақаи таҳқиқшаванда;
- тавсифоти сохтори номҳои ҷуғрофии минтақа;

муайян кардани роҳҳои пайдоиши топонимҳои минтақаи Панҷакент.

**Навгониҳои илмӣ-таҳқиқотӣ** дар ин рисола ҳамин аст, ки бори аввал номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент дар забоншиносии тоҷик ба таври системавӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар натиҷаи таҳқиқот бо таомули муқаррарии илмӣ маводди нави забонӣ ба даст оварда шудааст, ки барои бештар муайянкунии боэътимоди хронология, пайдоиш ва иқтибоси воҳидҳои топонимии минтақаи мазкур имкон додаву мусоидат менамояд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки масъалаи таҳқиқи луғавию маъноӣ ва решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакентро бори нахуст дар шакли диссертатсияи илмӣ ба таври системанок таҳқиқ карда, доир ба этимологияи бархе аз номвожаҳои ҷуғрофӣ таҳқиқоти амиқу дурустро нишон додааст. Навиштани мақолаҳо оид ба мавзуъ ва суханрониҳо дар ҳамоишу конференсияҳо оид ба мавзуи диссертатсия фаъолияти амалии рисоланавис доир ба кори диссертатсионӣ мебошад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии давлатии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (протоколи №5/1 аз 3-юми январи соли 2023) ва сексияи забоншиносии ҳамин Донишгоҳ (протоколи №7/4-4 аз 28-уми феврали соли 2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи дисертатсия**. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақола, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 нашрияҳои илмию оммавии кишвар интишор гардидаанд. Ҳамчунин, дар шакли маъруза дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистон – «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» (ДДЗТ ба номи сотим Улуғзода, ш.

Душанбе, 11.04.2022 -16.04.2022), «Рушди забони адабии точик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» (ДМТ, ш. Душанбе, 15.06.2022) баррасӣ ва муҳокима шудааанд.

**Муҳимтарин вижагиҳои диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

**Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Зулфониён Р.Р.** Гунаи аслии як ҷойноми суғдӣ / Р.Р. Зулфониён // Авҷи Зуҳал, нашрияи илмии ДДТТ ба номи А.И.Сино. –Душанбе, 2019.– № 3(36). – С. 133-139.

[2-М]. **Зулфониён Р.Р.** Мафҳум ва корбурди ҷузъи “ғар”/”қар+а”-и суғдӣ дар ҷойномҳои минтақаи Панҷакент/ Р.Р. Зулфониён //Суханшиносӣ, маҷаллаи илмии АМИТ. –Душанбе, 2019.– № 4(36). – С. 50-61.

[3-М]. **Зулфониён Р.Р.** Шарҳи номвожаи Саразм / Р.Р. Зулфониён // Авҷи Зуҳал, нашрияи илмии ДДТТ ба номи А.И.Сино. –Душанбе, 2020. – № 3(40). – С. 129-135.

[4-М]. **Муҳаммадҷонзода О.О., Зулфониён Р.Р.** Мавқеи пасванди –уд//-ут дар ҷойномҳои суғдии минтақаи Панҷакент /О.О. Муҳаммадҷонзода, Р.Р. Зулфониён //Паёми Донишкадаи забонҳо, нашрияи илмии ДДЗТ ба номи С. Улуғзода. –Душанбе, 2022. – № 4(48). – С. 14-21.

[5-М]. **Зулфониён Р.Р.** Ташаккули кӯҳвожаҳои минтақаи Панҷакент аз ҷиҳати забон /Р.Р. Зулфониён //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. – №8. –С. 48-54.

**Дигар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[6-М]. **Зулфониён Р.Р.** Мушкилот дар номгузории маҳалҳои аҳолинишини кишвар /Р.Р. Зулфониён // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ, - “Суннати номгузорӣ ва номҳои ҷуғрофӣ”–Душанбе, 2016, -С.77-89.

[7-М]. **Зулфониён Р.Р.** Эҳёи номҳои асили ҷуғрофии тоҷикӣ дар замони Истиқлол /Зулфониён Р. //Паёми Донишкадаи ҳарбӣ. Нашрияи илмӣ-оммавии Вазорати мудофиаи ҶТ. –Душанбе. 2022. -№2 (32). –С. 152-161.

[8-М]. **Зулфониён Р.Р.** Номвожаҳои ҷуғрофӣ – як рукни инъикоси таърих ва марзу бум. /Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии “Рушди забони адабии тоҷикӣ дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо” (бахшида ба 85-солагии

доктори илми филология, профессор Ҳомид Маҷидов). ДМТ. –Душанбе. 2021. С.304-313.

[9-М]. **Зулфониён Р.Р.** Маъниҷӯйӣ дар номвожаи ҷуғрофии Ғӯсар. /Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода. –Душанбе. 2022. Саҳ. 25-31.

[10-М]. **Зулфониён Р.Р.** Инъикоси марзу буми миллӣ дар таҳлилу омӯзиши ҷойномҳо /Зулфониён Р.Р. //Маҷмуаи мақолаҳои илмии “Анвори дониш”, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе. 2022. С. 57-72.

[11-М]. **Зулфониён Р.Р.** Дарки дурусти маъно дар эҳёи асолати ҷойномҳои миллӣ /Зулфониён Р.Р. //Мероси ниёгон. Нашрияи илмию оммавӣ ва фарҳангӣ-маърифатӣ (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. –Душанбе. -№24 - 2022. С. 46-49.

[12-М]. Зулфониён Р.Р. Таҳлили этимологӣ – заминаи шарҳи асосии мафҳуми топонимҳо /Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода (23-24 декабри соли 2022). –Душанбе, 2022. Саҳ. 96-103.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии 32 бахшу зербахш, хулосаи кори илмӣ, Номгӯйи номҳои ҷуғрофии минтакаи Панҷакент ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ барои дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 28 феврали соли 2023 қабул гардидааст.

Дар маҷлис 14 нафар иштирок намуданд.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.
Суратҷаласаи №7/4-4 аз 28 феврали соли 2023.

Раиси Шурои олимони
факултети филологияи
тоҷик, номзади илмҳои
филология, дотсент Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович

Муқарризон:
доктори илмҳои филология,
сарходими илмии шуъбаи забонҳои
помирии Институти илмҳои гуманитарии
ба номи Б. Искандарови АМИТ Офаридаев Назрӣ

Номзади илмҳои филология,
дотсент, мудири кафедраи
забоншиносии муқоисавӣ ва
назарияи тарҷумаи Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

Котиби Шурои
олимони факултет Тоҷиддинзода Парвина

Имзоҳои Б.А. Абдураҳимов, Н. Офаридаев, М.А. Маҳмудзода ва
П. Тоҷиддинзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj
E-mail : ddzt@ddzt.tj